# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-012 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

Парвандаи аттестатсионии № 21

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 24.02.2024, № 21.2

Барои сазовор донистани Сафаров Ҷовидон Азизмадович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ.

Диссертатсияи «Ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯҳи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ба ҳимоя 19 декабри соли 2023, суратмаҷлиси № 21.1. аз тарафи шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2.), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 12/шд таъсис ёфтааст, қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Сафаров Ҷовидон Азизмадович, 04 марти соли 1990 таваллуд шудааст.

Соли 2012 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси молшиносӣ ва экспертизаи молҳо хатм карда, соҳиби тахассуси молшинос гаштааст. Сафаров Ҷовидон Азизмадович аз соли 2012 то инҷониб ба ҳайси ассистент ва муаллими калони кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон кор мекунад.

Солҳои 2014-2015 магирстратураи Донишгоҳи иқтисод ва савдои шаҳри Гомели Ҷумҳурии Белоруссияро бо ихтисоси иқтисоди ҷаҳон хатм намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Қурбонов Абдукарим Раҳимович – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини аввал, муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Низомова Тухфамо Давлатовна** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳ миллии Тоҷикистон.

**2.Валиев Низомиддин Шаробудинович-** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Хулосаи мусбати додашудаи муассисаи пешбар дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 22 январи соли 2024, протоколи №7а муҳокима шуда, аз тарафи раиси ҷаласа, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Қаюмов Ф.Ғ., эксперт-мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Дадоматов Д.Н. ва котиби ҷаласа, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калон Умарова С.И. имзо шуда, аз тарафи ректори муассисаи зикршуда доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифзода М.М. санаи 22.01.2024 тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзуи «Такмилдиҳии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ), таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи муқарраргардидаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи муҳимми илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Сафаров Ҷовидон Азизмадович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси зикршуда мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба соҳаи иқтисодиёти соҳибкорӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Довталаби дараҷаи илмӣ 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзуи диссертатсия 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и Назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопшуда дорад:

[1-М]. Такмили низоми андозбандии соҳибкории инфиродӣ дар шароити муосир /Сафаров Ҷ.А.// Паёми Донишгоҳии давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе. – 2023. - № 4/1 (49). – С. 158-167;

[2-М]. Рақамикунонии чараёни фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва роҳҳои такмили он /Сафаров Ҷ.А.// Паёми Донишгоҳии давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе. – 2023. - № 2/2 (47). – С. 170-177;

[3-М]. Таҷрибаи хориҷии соҳибкории инфиродӣ ва истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон /Курбонов А.Р., Сафаров Ҷ.А.// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон № 4-/1 (43) 2022. саҳ. 52-57;

[4-М]. Фаъолияти соњибкории инфиродӣ дар Ҷумњурии Тоҷикистон ва мушкилоти рушди он /Қурбонов А.Р., Сафаров Ҷ.А.// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон №1 (30) 2020. С. 223-227;

[5-М]. Ҳолати муосири соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон /Қурбонов А.Р., Сафаров Ҷ.А.// Паёми Донишгоҳии давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе. – 2020. - № 4 (33). – С. 61-65;

[6-М].Современное сосотояние индивидуального придпринимательство в Республике Таджикистан /Қурбонов А.Р., Сафаров Ҷ.А. // Паёми Донишгоҳии миллии Тоҷикистон. – Душанбе. – 2019. - №3. – С. 44-47;

[7-М]. Ташаккул ва рушди соњибкории тиҷоратӣ дар даврони соњибистиқлолии Ҷумњурии Тоҷикистон /Толибов Қ.Қ., Сафаров Ҷ.А. Амонов С.С.// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон - Душанбе. – 2018. - № 4/2 (33). – С. 35-41;

[8-М]. Роль торгово-промышленной палаты Республики Таджикситан в продвижении национальной продукции на внешние рынки /Сафаров Дж.А. Тимошенко М.В.//Вестник Потребительская кооператция город Гомель 2015 БТЭУПК № 4- (51) 2015. саҳ. 56-63;

[9-М]. Привлечение инвестиций, основа индустриально-инновационного развития национальной экономики /Дустбоев Ш. Сафаров Дж// Таджикистан и современный мир: Актуальные праблемы развития инновационной экономики “VII –ая Международная научно практичеякая конфренция” (ш. Душанбе . 2019 с.,);

[10-М]. Формирование индивидуального предпринимательство в Республике Таджкикстан и основные пути его развития /Қурбонов А.Р Сафаров Дж.А.// Международная научно-практическая дистанционная конференция “Развитие инновационной экономики в Таджикистан и Польше ” (21-22 июни 2018 с., ш. Душанбе. – 2018. – С. 469-470;

[11-М]. «Роль молодежи и социальный процесс экономические трансформации общества: отечественный и зарубежный опыт» /Тимашенко М.В., Д.Сафаров.// Международная научно-практическая конференция 26 марта 2015 г. / Харьков. Торгово-экономический институт; Киев.

Национальный торгово-экономический университет; редколлегия: Гурова К.Д. [ - Харьков: КНТЭУ, Хтей КНТЭУ, 2015 г.– С.91-92.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳои зерин ворид шуданд:**

1. Ҳамроев Ф.М. – д.и.и., и.в. профессор, мудири кафедраи иқтисодиёт ва логистикаи нақлиётии ДТТ ба номи акад. М.С. Осимӣ бо чунин эродҳо: 1) Ҳангоми таҳқиқи мавзуъ муаллиф ба ташаккулёбӣ ва таъсири иқтисоди рақамӣ даршди соҳбкории ии инфиродӣ хеле кам мароқ зоҳир намудааст? 2) Муаллиф чунин мепиндорад, ки нисбати такмилдиҳии низоми андозбандии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ чораҳои зарурӣ андешидан ба мақсад мувофиқ аст, вале чи тавр дар автореферат нишон дода нашудааст.

2. Фатҳуллозода А.Ф. – н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А.Рудакӣ, бо чунин эродҳо: 1) Дар автореферат хеле хуб механизми рушди стратегии соҳибкории инфиродӣ нишон дода шудааст, аммо татбиқи ин механизм дар амалия зикр нагардидааст; 2) Дар автореферат, шарҳи ақидаҳои донишмандони иқтисодшиноси ватанию хориҷӣ хеле кам ба чашм мерасад. Нисбати соҳибкории инфиродӣ нуқтаи назари муаллиф ба таври васеъ оварда нашудааст.

Нуриддинов С.З. – н.и.и., дотсент, мудири кафедраи иқтисоди корхона ва соҳибкории ДДМИТ бо чунин эрод: 1) Дар расми 1. муаллиф масоили рушди соҳибкории инфиродиро таҳия намудааст, аммо хусусиятҳои онҳоро тавзеҳ надодааст; 2) Дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мегардад.

4. Имомназаров Музаффар Аҳмадҷонович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо чунин эродҳо: 1) Дар автореферат омилҳое, ки ба рушди соҳибкории инфиродӣ таъсир мерасонанд дар расми 2 оварда шудааast, аммо ин чи гуна таъсир аст, мусбӣ ё манфӣ дарҷ нагардидааст; 2) Новобаста аз оне ки дар афтореферат самтҳои асосии такмилдиҳии соҳибкории инфиродӣ муайян гардида бошад ҳам, ба таври зарурӣ шарҳ дода нашудааст.

Ҳамаи тақризҳо мусбатанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- асосҳои назариявӣ ва методии ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар асоси нуқтаи назари мухталифи муаллифони ватанию хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, моҳияти соҳибкории инфиродӣ бо назардошти талаботи шароити муосир муайян карда шуда, таърифи муаллиф доир ба “соҳибкории инфиродӣ” пешниҳод карда шудааст;;

- омилҳо ва меъёрҳои асосии ба раванди рушди соҳибкории инфиродӣ таъсиррасон муқаррар гардида, нишондиҳандаҳои арзёбии он таҳия карда шудааст;

- самтҳои афзалиятноки стратегияи рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок ва пешниҳод шудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- асосҳои илмию назариявии мафҳуми соҳибкории инфиродӣ ва аниқ намудани аҳамияти иҷтимоию иқтисодии он баррасӣ шудаанд;

- *вобаста ба предмети таҳқиқот* усулҳои коркарди омории маълумот, таҳлили коррелятсионию регрессионӣ, таҳлили маҷмӯавӣ ва низомӣ, усули муқоисакунӣ, шаклҳои графикӣ ва ҷадвалии гузаронидани таҳлил истифода шудаанд;

- хусусиятҳо ва асосҳои институтсионалии рушди соҳибкории инфиродӣ бо назардошти афзалиятҳои сиёсати давлатӣ ва доштани аҳамияти иҷтимоию иқтисодии чунин фаъолият мавриди *омӯзиш* қарор дода шудааст

- *таҳлили* тамоюли рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир аз рӯйи нишондиҳандаҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ ва шаклҳои фаъолият амалӣ карда шуда, модели баҳои самаранокии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ ва пешниҳод карда шудааст;

- самтҳои асосии рушди соҳибкории инфиродӣ дар шароити татбиқи технологияҳои рақамӣ таҳия ва пешниҳод шудааст.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ба дастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад:**

- *муқаррароти асосӣ* ва натиҷаҳои таҳқиқот дар субъектҳои соҳибкории инфиродӣ ва дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон татбиқ гардидаанд;

- *самтҳои асосии* илман асоснокгардидаи таҳқиқ метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани ҳолати рушди соҳибкории инфиродӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ бо дарназардошти таъсири бисёрҷонибаи омилҳои сершумори муҳити дохилӣ ва берунӣ дар шароити муосир истифода шаванд.

**Арзёбии саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор менамояд, ки:**

-*назария* дар ақидаҳои консептуалии назарияи иқтисодӣ, назарияи иқтисоди рақамӣ, ҳамчунин ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ асос ёфтааст**;**

-*ғояи* таҳқиқот аз таҳлили дастурҳо, баромадҳо ва паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи оморӣ ва таҳлилии вазорату идораҳои дахлдор, маводи конференсҳо ва дигар маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ сарчашма мегиранд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зоҳир мегардад, ки:**

- татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба сатҳи такмилдиҳии назария ва амалияи рушди соҳибкории инфиродӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ мусоидат мекунад;
- хулоса ва пешниҳодоти муаллифи диссертатсия дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ҳангоми тартиб додани барнома ва дастурҳои таълимӣ аз рӯи фанҳои соҳавии иқтисодӣ “Асосҳои соҳибкорӣ”, “Бизнес – нақшагирӣ”, “Иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории хурд” ва “Андозбандии соҳибкории инфиродӣ” ва ғайра татбиқ шудаанд;
- муқарраротн асосии диссертатсия дар 11 кори илмӣ, аз он ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд;
- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ тӯли солҳои 2018-2023 баргузор гардидаанд, аз тарафи муаллиф маърӯза гардидаанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 24 феврали соли 2024 қарори сазовор донистан Сафаров Ҷовидон Азизмадович бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шуро 12 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 3 нафар. Овоз доданд: тарафдор – 12 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**д.и.и., дотсент** **Шаропов Ф.Р.**

**И.в. котиби илмии шуро,**
**д.и.и., дотсент** **Нидоев Н.Ф.**

**24 феврали соли 2024**